**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

«08» 01 соли 2025 ш.Душанбе

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Ш.Қ. – раиси комиссия; Шарифзода Б.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳикматов У.С. – аъзоёни комиссия аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқи банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Шарифзода Нурулло Шариф хулосаи зерин қабул намуд:

## 1. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Шарифзода Нурулло Шариф ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295), мувофиқат мекунад.

Шарифзода Нурулло Шариф соли 1994 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017 факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст.

Аз соли 2017 то соли 2021 ба сифати ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети ҳисобдорӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва аз соли 2021 то соли 2023 ба сифати ассистенти кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Инчунин, аз соли 2023 то соли 2024 ба сифати муаллими калони кафедраи идоракунии молияи давлатии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз

сентябри соли 2024 то ҳол ба сифати муаллими калони кафедраи молия ва суғурта ва муовини декан оид ба тарбияи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Шарифзода Нурулло Шариф 28.01.2019, №20/И ба сифати унвонҷӯ дохил гардида, онро 15.12.2022, №108/И-у аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон хатм намудааст.

Тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2018, суратҷаласаи №4/5.9 мавзуи диссертатсионии Шарифзода Нурулло Шариф тасдиқ гардидааст. Тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 31.03.2022 №8/4.19 мавзуъ ва роҳбари илмии Шарифзода Нурулло Шариф бинобар пеш омадани зарурияти истеҳсолӣ иваз намудааст.

Мавзуи диссертатсионии Шарифзода Нурулло Шариф зери унвони «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат» таҳти роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шариф Раҳимзода тасдиқ карда шудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) (15.06.2021) бо баҳои 4 (хуб), таърих ва фалсафаи илм (19.12.2020) бо баҳои 5(аъло) ва имтиҳони номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз (19.10.2024) бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ Шариф Раҳимзода – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат» таҳти роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шариф Раҳимзода иҷро ва дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз «18» ноябри соли 2024, суратҷаласаи №4/1 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия гардидааст.

## 2. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ

Диссертатсияи Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, пойгоҳи захиравии бонкҳоро тақвият бахшида, имкониятҳои сармоягузориро афзоиш хоҳад дод.

### 3. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд

Муқаррароти асосӣ ва хулосаи диссертатсия дар зиёда аз 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷӣ дарҷ гардидааст, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, мувофиқт мекунад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

### 4. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳои носаҳеҳ

Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошанд. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводҳои шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

### 5. Комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шавад:

- **Бобоҷониён Даврон Дадоҷон** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи ДДҲБСТ;

- **Авгонов Нурали Айниддинович** - доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия, и.в. дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** таъин карда шавад;

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад;

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Хайрзода Ш.Қ.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Шарифзода Б.М.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Ҳикматов У.С.